# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мусатаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна таҳти унвони «Хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст.**

Мавзӯи Ватан ва истиқлолият, худогоҳӣ ва ҳувияти миллӣ, ватандӯстӣ ва хештаншиносӣ аз ҷумлаи мавзӯъҳое мебошанд, ки аз ҳама зиёдтар мавриди таваҷҷуҳи адибони муосир қарор гирифтаанд. Махсусан, мавзӯи ватандӯстиву ватанхоҳӣ, худшиносию худогоҳӣ ва арҷгузориву тарғиби фарҳангу тамаддуни миллӣ ҳанӯз аз оғози солҳои 70-80-уми асри ХХ дар адабиёти муосир ҷойгоҳи намоёнеро касб намуда, баъд аз ба даст омадани Истиқлолияти давалатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар эҷодиёти Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор Сафӣ, Гулназар Келдӣ, Камол Насрулло ва адибони дигар ҳамчун мавзӯи маркази шеър густариш ёфт. Аз ин рӯ, ба ҳайси таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб гардидани арзишҳои ҳунарии ашъори Камол Насрулло, ки аз ҷумлаи шоирони муваффақи муосир аст, саривақтӣ ва ниҳоят муҳим буда, муҳаққиқ Мусатаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна дар ин замина таҳқиқоти қобили таҳсин ба анҷом расонидааст.

Тибқи нишондоди автореферати диссертатсия, таҳқиқот дорои муқаддима, се боб бо фаслу зерфаслҳои мувофиқ, хулоса ва рӯйхати осори илмиву адабии марбути мавзӯъ буда, дар муқаддима муҳаққиқ роҷеъ ба зарурат ва ҳадафи таҳқиқи мавзӯи мазкур, дараҷаву пешинаи пажӯҳиш, бозёфтҳои илмӣ, метод ва методологияи тадқиқоти илмӣ, арзишҳои амалию назарии кор, сохтори диссертатсия ва дигар масоили меҳварӣ барои дифоъ маълумот додааст.

Боби якуми рисола – «Ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Камол Насрулло», ки аз панҷ фасл иборат аст, ба таҳқиқи зиндагинома ва эҷодиёти шоир бахшида шудааст. Муҳаққиқ дар ин бахши кор роҷеъ ба шахсият, муҳити хонаводагӣ, таҳсилот, истеъдод ва самтҳои фаъолияти эҷодии Камол Насрулло таваққуф карда, дар бораи маҷмӯаҳои осори адиб,

мушаххасоти ҳар давраи эҷодиёт ва анвои ашъори шоир ибрози андеша намудааст.

Боби дуюми таҳқиқот таҳти унвони «Хусусиятҳои мавзӯии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло» иншо гардида, аз ду фасл ва зерфаслҳои марбута фароҳам омдааст. Муҳаққиқ зимни таҳлили ашъори шоир саъй намудааст, ки торафт мавқеъ пайдо намудани мавзӯи Ватан, таҳкими ваҳдат, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, гиромӣ доштани арзишҳову фарҳанги миллӣ ва муқаддасоту дастовардҳои Тоҷикистонро дар ашъори шоир мавриди пажӯҳишу пайгирӣ қарор диҳад.

Муҳаққиқ дар ин боб ба таври муътамад нишон дода тавонистааст, ки чӣ тавр мавзӯи Ватан дар ашъори шоир аз тасвири деҳу зодгоҳ, гузаштаи пурдарду пурифтихори миллати тоҷик, ҷоннисории ҷавонмардони тоҷик, манзараҳои табиат ва мавзеъву шаҳрҳои бостонии тоҷикон ривоҷ ёфта, аз ҷиҳати мазмуну маъно фарогиртар мешавад ва ба ҷараёни ватанномаҳои шоирони давраи нави тоҷик пайванд хӯрда, анъана ва суннатҳои мардумӣ, муқаддасоти миллӣ, нақшу симои Пешвои миллат дар самти барқарор намудани сулҳу ваҳдати кишвар, адолати иҷтимоӣ, густариши маънавиёту фарҳанги ҷомеа, иншооти бузурги аср ва чеҳраи муҳташами Тоҷикистони соҳибистиқлолро бо муҳаббату самимияти беандоза инъикос менамояд.

Боби сеюми диссертатсия – «Мухтассоти ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло» аз се фасл таркиб ёфта, ба таҳқиқи вижагиҳои забону тарзи баён, ибдооти шоирӣ ва истифодаи санъатҳои бадеӣ дар ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло бахшида шудааст.

Муҳаққиқ зимни таҳлили абёти ҷудогонаи ашъори шоир маҳорати ҳунарӣ ва ибтикороти адабии Камол Насруллоро бо далоили қотеъ мушаххас месозад, ки аз ҷанбаҳои арзишманди таҳқиқоти ӯст.

Интихоби дурусти усулҳои таҳқиқ, амиқандешӣ ва вусъати доираи таҳқиқот ба муҳаққиқ имкон додааст, ки ба натиҷаҳои мушаххаси илмӣ омада тавонад ва маҳорату тозакориҳои адабӣ-ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насруллоро мушаххас намояд.

Бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёди дар таҳқиқот ба зуҳур расида, ки қаблан ишора гардид, дар автореферати кор баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ (с. 6, 7, 10, 14, 24) ва харобии мантиқи ҷумла (аз қабили «Ҷамъи шеърҳои сурудаи Камол Насрулло зиёда аз ҳазору панҷсад мебошад», ки ба андешаи мо иловаи ченак, ба монанди адад, ё байту мисраъ маъниро дақиқтар ифода мекард)-ро бояд зикр намуд, ки ба матни фишурдаи диссертатсия роҳ ёфтаанд.

Камбудиву навоқиси мазкур ҷузъӣ буда, ба арзиши кор халал ворид намекунанд, вале ҳангоми ба чоп додани монографияи мазкур ба эътибор гирифтани онҳо аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Дар маҷмӯъ, автореферат нуктаҳои асосии диссертатсияро фаро гирифтааст.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти сомондодаи Мусатаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна кори анҷомёфтаи илмӣ ва ба талаботи пешгузоштаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик сазовор аст.

**Муқарриз, доктори**
**илмҳои филологӣ, профессор:** Тағоймуродов Р.Ҳ.
15.12.20

**Имзои профессор Р.Ҳ. Тағоймуродовро тасдиқ мекунам.**
**Сардори шуъбаи кадрҳои ДДБ**
**ба номи Носири Хусрав:** **Шукурзода Ҷ.Ҳ.**

ШУЪБАИ КАДРҲО

**Нишоиӣ: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67,**
**Доиишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**
**Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53**
**E-mail: ktsu78@mail.ru**